DOI: https://doi.org/10.5281/zenodo.10938391

# АҲАМИЯТИ ТАЪЛИМИ ЖАНРҲОИ ХУРДИ ФОЛКЛОР ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

**Саломов Анушервон Акрамович**
Донишҷӯи факултети педагогикаи донишгоҳи давлатии Самарқанд
salomovanushervon@gmail.com

***Аннотатсия:*** *Дар мақолаи мазкур оид ба аҳамияти жанрҳои хурди фолклор дар ташаккули ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, мавқеи эҷодиёти даҳанакии халқ дар рушди қобилияти фикрию эҷодӣ ва тарбияи ахлоқии кӯдакон сухан меравад. Муаммоҳои омӯзиш ва ҷамъоварии осори фолклор, эҳё намудани мероси маънавии халқ дар замони ҳозира баррасӣ мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *Фолклор, эҷодиёти даҳонакии халқ, жанрҳои хурд, афсона, забони модарӣ, тарбияи кӯдак.*

# THE IMPORTANCE OF EDUCATION OF SMALL GENRES OF FOLKLORE IN PRIMARY CLASSES

***Annotation:*** *This article discusses the importance of small genres of folklore in the formation of the worldview of elementary school pupils, the role of folk oral creativity in the development of intellectual and creative abilities and moral education of children. The problems of studying and collecting folklore works, reviving the spiritual heritage of the people in the present time are discussed.*

***Keywords:*** *Folklore, folk oral creativity, small genres, myth, mother tongue, child education.*

Дар адабиёт ё асарҳои бадеӣ, ки як навъи санъатанд, воқеият на хушку холӣ, балки образнок тасвир мегардад. Онҳо бобати дарки чаҳон, ҳаёти одамон ва чамъият, тарбияи ҳамачонибаи насли наврас аҳамияти муҳим дорад. Аммо синну сол ва сатҳи маърифатчӯии мактаббачаи хурдсол ба мо имконият намедиҳад, ки асари дилхоҳро интихоб намуда, ҳамачониба омӯзем, ғоя ва образҳои бадеии онро таҳлил намоем. Дар синфҳои ибтидоӣ бештар жанрҳои хурди асарҳои бадеӣ, аз қабили ҳикоя, очеркҳои бадеӣ, масал, шеъру таронаҳо, афсонаҳои ҳаётӣ-маишӣ, чистону зарбулмасалҳо, тезгӯякҳо омӯхта мешаванд.

Халқи мо таърихи гузаштаи бой ва эчодиёти даҳонакии гуногунмавзӯъ дорад. Эчодиёти даҳонакии халқ инъикоскунандаи ҳаёту таърихи халқ ва ҳиссиёти онҳо мебошад. Мо ба воситаи асарҳои бадеӣ ва материалҳои фолклорӣ бо характери миллӣ, тарзи зиндагонӣ, хусусиятҳои забонӣ, урфу одатҳои халқ ва инчунин ҳодисаю воқеаҳои табиату чамъият шинос мешавем.

Нақш ва мавқеи эчодиёти даҳонакии халқ дар ташаккули қобилияти фикрию эчодии насли наврас хеле калон аст.

Мутаассифона, солҳои охир эътибор ва шавқу ҳавас ба эчодиёти даҳонакии халқ кам шуда истодааст. Чуноне ки Президенти кишварамон дар маърӯзаи худ таъкид намуданд: «...Дар баробари рушди чаҳонишавӣ, дар замонҳои печидае, ки таъсири манфии шоу-бизнес ва «фарҳанги омиёна» ба як абзори тичорат табдил ёфтааст, диққат ва ҳавасмандӣ ба сарчашмаи ҳар гуна маданияти миллӣ, яъне санъати фолклор паст шуда истодааст. Ҳол он ки санъати фолклорӣ суруди бачагии инсоният аст.

Яке аз ҳақиқати талхи замони мо ин аст, ки чунин санъати нотакрор ва бузурги дар тӯли замонаҳо ба як намунаи ёдгории фарҳанг табдилёфта дар бисёр чойҳо фаромӯш шуда, эҳтиёч ба ҳифз дорад.

Аз ин рӯ, ҳифзу густариши сарвати беҳамтои маънавии мо, санъати классикӣ, намунаҳои нодири эчодиёти миллӣ ва ба наслҳои оянда мерос гузоштани онҳо вазифаи олимону санъаткорони пешқадам, арбобобони давлатию чамъиятӣ ва аҳли фарҳангу ҳунар аст».

Дар мактабҳо хонандагон бояд бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ гардида, тавре тарбия карда шаванд, ки бо осонӣ комёбиҳои наву рӯзафзуни илму техникаро дарк карда тавонанд. Аз ин рӯ, яке аз воситаҳои муҳимми тарбияи ахлоқию меҳнатӣ, эстетикию маънавии хонандагон адабиёт, санъат ва фолклор ба ҳисоб меравад.

Асарҳои эҷодиёти бадеиро ба се гурӯҳ: эпикӣ, лирикӣ ва драмавӣ ҷудо мекунанд. Нишонаҳои фарққунандаи ин се навъ дар тарзи тасвири воқеият зоҳир мегарданд. Дар асарҳои эпикӣ воқеа ва амалиёти қаҳрамони асар нақл карда шавад, дар асарҳои лирикӣ андешаҳо, эҳсосот ва ҳаяҷони шахс инъикос мегардад ва дар асарҳои драмавӣ бошад, амалиёти қаҳрамон бевосита нишон дода мешавад. Ҳар як навъи ин асарҳои бадеӣ боз ба намудҳо ё жанрҳо ҷудо мешаванд. Масалан, дар фолклори халқи тоҷик чунин жанрҳои эпикӣ: афсона, латифа, ҳикоя, ривоят; лирикӣ: байт, рубоӣ, суруд, ашӯла ва амсоли инҳоро дидан мумкин. Ин гуна намудҳои эҷодиёти бадеии халқ дар фолклори халқҳои дигар ҳам ба назар мерасанд.

Дар фолклори тоҷик асарҳое ҳастанд, ки ба гурӯҳи жанрҳои хурд дохил мешаванд. Ба инҳо зарбулмасал, ҳикоят, латифа, мақол, суруд, чистон, рубоӣ, фардбайт, бадеҳа ва ғайраҳоро мисол овардан мумкин. Дар навбати худ ин жанрҳо ба ду навъ: жанрҳои хурди манзум ва жанрҳои хурди мансур ҷудо мешаванд. Чистон ва зарбулмасал қисман ба ҳар дуи ин навъҳо мансубият доранд. Қисми зиёди фолклори бачагон низ аз жанрҳои хурди махсуси фолклори бачагон иборатанд.

Хусусияти асосии фарққунандаи жанрҳои хурд аз жанрҳои калон (эпос, достон, афсона, суруди таърихӣ) ҳаҷм ва шакли соддаи композитсионии жанрҳо ва санъатҳои онҳо мебошад.

Хусусияти забонӣ, услубӣ, мавзӯъ ва санъати тасвири бадеӣ дар фолклори бачагон низ мушоҳида мешаванд. Фолклори бачагон монанди адабиёти бачагон мувофиқи синну сол ба қисматҳо ҷудо мешавад:

1. Фолклори бачагони синни томактабӣ.

2. Фолклори бачагони синни хурди мактабӣ.
3. Фолклори бачагони синни миёнаи мактабӣ.
4. Фолклори бачагони наврас.

Ин тақсимот ба андозае шартӣ хоҳад буд, зеро ки байни синнусоли якум ва дуюм ва сеюму чорум дар тавсияи асари бадеӣ ҳудуди қатъӣ ва равшанро муайян кардан душвор аст.

Асарҳои бачагонаи халқӣ дар тарбияи эстетикӣ ва омӯзиши забони пуробуранги мардум, инкишофи дарки паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт барои кӯдакон аҳамияти калон дорад.

Таълими мунтазами жанрҳои фолклор аз синфҳои ибтидоӣ оғоз меёбад. Агар китобҳои дарсии тарбия, саводомӯзии забони модарӣ ва хонишро варақ занем, мебинем, ки қариб дар ҳар саҳифаи онҳо чистон, зарбулмасал ва дигар жанрҳои хурди эҷодиёти даҳанакии халқ чун намуна оварда шудаанд.

Муаллим бояд дар дарси аввал ба хонандагон аз намудҳои эҷодиёти даҳанакии халқ, таърихи пайдоиш, ғоя, сюжету образҳои жанрҳои фолклор маълумот диҳад, чунки нақш, мавқеъ ва таъсирнокии онҳо дар инкишофи фикрии хонандагон хеле калон аст.

Азбаски дар замони пеш хат дастраси умум набуд, як сухани неки баёншуда аз даҳон ба даҳон паҳн мешуд ва шакли умумро мегирифт. Ин гуна нақлу ривоят, суруду тарона, афсонаву рубоиҳо дар давоми садсолаҳо аз насл ба насл гузашта дар байни мардум паҳн мешуданд ва ба воситаи нақли даҳонакӣ то ба мо омада расидаанд.

Шиносоӣ бо эҷодиёти даҳонакии халқ дар хонандагон нисбат ба ҷамъияти инсон, табиати зебо, одамони эҷодкор ва мавҷудоти зинда меҳру муҳаббат ба вуҷуд оварда, онҳоро барои фаҳмидани мазмун ва образҳои асарҳои бадеӣ омода месозад.

Эҷодиёти даҳонакии халқ дониш ва ҳаёти мадании халқро пурра инъикос намуда, дорои мазмуни бой ва шаклҳои гуногуни бадеӣ мебошад. Таълими дурусти он имконият медиҳад, ки ҳиссиёту ҳаяҷон ва муҳаббати хонандагон

нисбат ба халқи меҳнаткаши эҷодкор афзун гардад.

Жанрҳои фолклорро аз рӯи баромади таърихӣ ба давраҳо ҷудо кардан имконнопазир аст. Чунки дар қадим шахсҳои алоҳидае ёфт мешуданд, ки бештар афсона ва гурӯҳи дигаре чистону суруд эҷод мекарданд. Зарбулмасал мақол, суруду рубоиҳои халқӣ дар фасли баҳор, сафари роҳ, дар мавриди долу зарби меҳнат, вале чистону афсонаҳо дар вақтҳои истироҳат, эпоси «Гӯрӯғлӣ» ва дигар достонҳоп халқӣ бошанд, дар тӯю базмҳо, давраҳои рафиқона хонда мешуданд ва эҷод мегардиданд.

Тавассути омӯзиши эҷодиёти даҳонакин халқ хонандагон аз он чиз бохабар мегарданд, ки халқи меҳнаткаш дар ҷараёни ҳаёти худ ба муқобили муфтхӯрӣ, мумсикӣ, суиистифодакунӣ, танбалӣ, фиребгарӣ, тарсончакӣ, худбинӣ, ҳавобаландӣ ва дигар хусусиятҳои бади барои ҷамъият бегона мубориза бурдааст ва эътирози худро ба воситаи жанрҳон гуногуии фолклор ифода иамудааст.

Инчунин, дар эҷодиёти даҳонакии халқ паҳлуҳон гуногуни ҳаёти ҷамъият низ ифода ёфтааст, орзую умеди халқ дар хусуси меҳнати сабук ва хурсандибахш, ҳаёти хушбахтона, рафоқату дӯстӣ, ҳамеша барои мудофиаи халқу ватан тайёр будан ва ғайраҳо аз ҳамин қабиланд.

Эҷодиёти даҳонакии халқ дар замони кунунӣ ва дар оянда ҳам инкишоф меёбад ва пурмазмун мегардад. Муаллим бояд дар хонандагон нисбат ба эҷодиёти даҳонакии халқ меҳру муҳаббат пайдо кунонад ва ба воситаи жанрҳои фолклор ҳиссиёту ҳаяҷони донишомӯзонро ба халқи худ ва эҷодиёти он зиёд намуда, имконияти худэҷодкунию ба эҷодиёти даҳонакии халқ тақлидкунии онҳоро пурзӯр намояд.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. O‘zbekiston Respublikasi Prezidenti Shavkat Mirziyoyevning Xalqaro baxshichilik san’ati festivali ochilishiga bag‘ishlangan tantanali marosimdagi nutqi. Xalq so‘zi. 19 Aprel 2019.
2. Жумабоев М. Болалар адабиёти ва фолклор. Ўзбекистон Ёзувчилар уюшмаси Адабиёт жамғармаси нашриёт. 2006. 216 бет.
3. Воҳид Асрорӣ. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик: Дастури таълим барои факултаҳои филологӣ. – Душанбе: Маориф, 1990.
4. Асрорӣ В. ва Амонов Р. Эҷодиёти даҳонакии халқи тоҷик (фолклори тоҷик). Душанбе, “Маориф”. 1980.
5. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. Душанбе, “Собириён” – 2007.
6. Т. Чориев ва Ч. Эшонкулов. Саводомӯзии забони модарӣ ва хониш. Китоби дарсӣ барои синфи 3. (Қисмҳои 1-2). - Тошканд: Маркази таълими Республика, 2022.